# ПРОТОКОЛИ №91

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и
назди Донишгохи миллии Точикистон

2 июли соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доранд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 28 марти 2025 с., №122/шд) тасдиқ шудааст, 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. Кворум ҳаст, аз ин рӯ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз намояд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Ягон таклифу пешниҳод ҳаст? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Ба ҳимоя тавсия додани кори диссертатсионии Зулфонов Шаҳриёр Мулозулфонович дар мавзуи *“Татбиқи ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ”* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D.060100-Математика: 6D.060102-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ.

**Баромад намуд:** Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ Раҷабов Н.Р. ва раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Сафаров Ҷ. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад намуданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Зулфонов Шаҳриёр Мулозулфонович дар мавзуи *“Татбиқи ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ”* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D.060100-Математика:

6D.060102-Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Муҳсинов Ёдгор Мирзоевич** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии хуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- **Қозиев Гулназар Мавлонназарович** - номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар таъин карда шавад:

Институти математика ба номи А. Ҷураеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн кардани автореферат дар ҳаҷми 100 адад иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 17 – уми сентябри соли 2025, соати 15:30 таъин карда шавад.

Қарор якдилона қабул шуд.

**Муовини Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ** **Н.Р. Раҷабов**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика** **А.Б. Ғафоров**